ХУЛОСАИ
ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-100 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.11.2026, №9

Барои сазовор донистани Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ аз 10 сентябри соли 2026 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5), ки тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 таҳти №353/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст (суратмаҷлиси №11 аз 10 октябри соли 2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ 4 июни соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ соли 2013 ба факултаи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2020 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф дар зинаи бакалаврӣ хатм намудааст. Солҳои 2020-2022 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит таҳсил намудааст.

Солҳои 2021-2024 дар МДТ «Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе» дар вазифаи эдвайзери факултаи баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ, декани факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ ва сардори раёсати таълим фаъолият намудааст.

Аз соли 2024 то инҷониб дар МДТ «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш.

Душанбе” дар вазифаи декани факултети технология ва иқтисодиёти рақамӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластерикунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2026 иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ:

Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин - доктори фалсафа (PhD), ходими калони илмии шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва кор бо грантҳои Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- **Қодирова Гулмо Толибовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Манучеҳри Нозимии Рачабзода -** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба бахши баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, метавонад арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Ҳукматов Давлатҷон Ҷамшедович таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра муҳокима ва тасдиқ гардидааст (протоколи №3/1 аз 16.10.2026с.). Тақриз бо имзо ва муҳри ректори ДДМИТ, н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули

экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Дар диссертатсия методология ва амалияи такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-А]. Махмадуллои Р.М. Анализ современного состояния и тенденции развития АПК Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Махмадуллои, Ф.Б. Махмадизода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2025. - № 11. – С. 13-26. (0,8 ҷ.ч.).

[2-А]. Маҳмадуллои Р.М. Механизмҳои иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлон [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2025. – № 1/3. – С. 563–566. (0,25 ҷ.ч.).

[3-А]. Маҳмадуллои Р.М. Ҷанбаҳои методии ташкили фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2026. – № 5. – С. 283–293. (0,7 ҷ.ч.).

[4-А]. Маҳмадуллои Р.М. Ҷанбаҳои экологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар

комплекси агросаноъатӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2026. – № 1 (61). – С. 88–96. (0,5 ҷ.ч.).

[5-А]. Маҳмадуллои Р.М. Моҳияти иқтисодии комплекси агросаноатӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии хоҷагӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои, С.С. Сайфиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2026. – № 2 (62). – С. 327–337. (0,7 ҷ.ч.).

Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо

[6-А]. Маҳмадуллои Р.М. Самтҳои рақамикунонӣ ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Инкишофи бартариятҳои рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» (28 марти соли 2026). – Душанбе, 2026. – С. 433–444. (0,8 ҷ.ч.).

[7-А]. Маҳмадуллои Р.М. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун асоси танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои тағйирёбии иқлим ва таъсири онҳо ба муҳити зист: имкониятҳо ва роҳҳои ҳал» (ш. Душанбе, 28 ноябри соли 2025). – С. 148–152. (0,3 ҷ.ч.).

[8-А]. Маҳмадуллои Р.М. Омилҳои таъсиррасон ба самаранок истифодабарии заминҳои кишварзӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои, Ф.С. Ҳайдаров, А.Х. Асоев // Маводи конференсияи илмӣ-илмии ҷумҳуриявӣ «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ», бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018–2028. – Душанбе, 2024. – С. 280-282. (0,2 ҷ.ч.).

[9-А]. Маҳмадуллои Р.М. Роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои, Т.Н. Иброҳимов // Маводи конференсияи илмӣ-илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот» бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон соли 2025 эълон шудани «Соли рушди илми кишоварзӣ ва технологияи инноватсионӣ». – Душанбе, 2025. – С. 353–355. (0,2 ҷ.ч.)

[10-А]. Маҳмадуллои Р.М. Государственное регулирование рынка как механизм повышения экономической эффективности производства в сельском хозяйстве [Текст] / Р.М. Махмадуллои, Х.Ф. Юсуфзода, Т.Н. Иброхимов // Материалы региональной научно-практической конференции на тему

«Развитие производственной инфраструктуры на селе: тенденции и вызовы». – Душанбе, 2024. – С. 140–148. (0,6 п.л.).

[11-А]. Маҳмадуллои Р.М. Мафҳум, моҳият ва нақши ҳособкунӣ дар нишондиҳандаҳои иттилоотии иқтисодӣ [Матн] / Р.М. Маҳмадуллои // Маҷмуаи мақолаҳоиз конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саноатигардонии босуръати кишвар ва мушкилоти рушди рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Шӯрои омӯзгорон ва донишҷӯёни Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе, 2 декабри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 28–32. (0,25 ҷ.ч.)

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Аз номи Шарифов Зариф Раҳмонович, д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- муқаррароти банди дуюми навгонии илмӣ баҳснок буда, шарҳу асосноккунии амиқи илмӣ ва амалиро талаб менамояд;

- дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва грамматикиро гоҳ-гоҳ вохӯрдан мумкин аст, ки моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи муаллифро коҳиш намедиҳанд.

2. Аз номи Зокирхонзода М.З., доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд эродҳо нишон дода нашудаанд.

3. Аз номи Ҳамдамзода Х.А., д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав бо чунин эродҳо:

- ба мақсад мувофиқ мебуд, ки нишондиҳандаҳои миқдории арзёбии сатҳи ҳамгироии иттилоотии иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ мушаххас карда шаванд, зеро ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои татбиқи равиши экосистемавӣ дақиқтар арзёбӣ гарданд;

- ба мақсад мувофиқ мебуд, ки меъёрҳои интихоби марҳилаҳои рақамикунонӣ бо дарназардошти имкониятҳои техникию молиявии корхонаҳои агросаноатӣ мушаххас гардида, самаранокии иқдисодии татбиқи онҳо тавассути арзёбии хароҷот ва натиҷаҳои бадастомада муайян карда шавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- ***исбот карда шудааст:*** ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар

корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва рақамии экосистемаи аграрӣ амалӣ гардида, ҳамчун низоми таъминоти иттилоотию таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ ташаккул дода шавад.

- ***коркард карда шудааст:*** модели иқтисодию риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия гардидааст, ки таъсири маҷмуии омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ ва омилҳои экосистемавиро ба назар гирифта, имкони моделсозии сенарияҳои гуногуни фаъолияти корхонаро фароҳам меорад.

- ***пешниҳод карда шудааст:*** механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва технологияҳои рақамӣ пешниҳод гардида, харитаи роҳи марҳилавии татбиқи он дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст;

- ***асоснок карда шудааст*:** равиши назариявию методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ, ки фарқияти он дар ба ҳам пайвастани хусусиятҳои соҳавӣ, омилҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва рақамӣ бо принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ифода меёбад.

- ***муайян карда шудааст:*** модели интегралии иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия шудааст, ки фарқияти он дар арзёбии ҳамзамони омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ - рақамикунонӣ, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият, мониторинги хароҷот ва ҳисоботи идоракунӣ бо омилҳои экосистемавӣ, аз ҷумла ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш, суръати мубодилаи иттилоот ва устуворii занҷираи арзиш мебошад.

- ***ошкор карда шудааст:*** механизми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш пешниҳод шудааст, ки фарқияти он дар фарогирии тамоми раванди ташаккули арзиш - аз таъминоти захираҳо ва истеҳсолот то коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр - ва пайвастани масъулият, хароҷот, натиҷа ва иттилооти идоракунӣ дар муҳити ягонаи экосистемаи аграрӣ мебошад..

- ***коркард карда шудааст:*** модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ ва харитаи роҳи татбиқи марҳилавии он таҳия шудааст, ки фарқияти он дар ҳамгиро намудани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ, буҷетӣ ва идоракунӣ дар муҳити ягонаи иттилоотӣ ва таъмин намудани мубодилаи маълумот байни корхона ва дигар иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар рушди фаҳмиши илмии

ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ дар заминаи ташаккули экосистемаи кишоварзӣ мебошад. Таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методологии татбиқи равиши экосистемаро равшан мекунад. Нақши марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш дар дастгирии иттилоотии идоракунӣ ошкор карда мешавад. Аҳаммияти технологияҳои рақамӣ барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳоро метавон дар таҳқиқоти минбаъда оид ба баҳисобгирӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ истифода бурд.

Дар диссертатсия далелҳои илмию назариявие оварда шудаанд, ки фарзияи таҳқиқотро оид ба такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ, истифодаи механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва технологияҳои рақамӣ ва коркарди харитаи роҳи марҳилавии татбиқи он дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон имконпазир мегардонанд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:

- **тавсияҳои амалӣ** барои беҳтар кардани системаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ташкили марказҳои масъулият пешбинӣ шудаанд; онҳоро метавон дар таҳияи гузоришҳои дохилии идоракунӣ ва рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ истифода бурд. Татбиқи онҳо идоракунии хароҷотро беҳтар мекунанд;

- **тавсияҳо** дар фаъолияти сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон, сохторҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ташкили марказҳои масъулият барои таҳияи сиёсати самараноки низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ татбиқ мешаванд **(санади татбиқ аз 01.08.2026 с. №01/211).**

- **натиҷаҳои** таҳқиқот дар МДТ «Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе» дар раванди таълими фанҳои асосҳои аудит, аудит ва тафтишот, банақшагирӣ дар корхонаҳо, баҳисобгирӣ ва гузориш, баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳо, иқтисодиёти рақамӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд (**санади татбиқ аз 18. 08. 2026 с. № 40**).

- **натиҷаҳои** таҳқиқот дар МДТ «Коллеҷи махсусгардонидашуда шаҳри Бохтар» дар раванди таълими фанҳои банақшагирӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ истифода бурда мешаванд (**санади татбиқ аз 28. 08. 2026 с. № 4**).

- **пешниҳод карда шудааст:** комплекси агросаноатӣ таркиби соҳавии истеҳсолотро инъикос менамояд. Экосистемаи аграрӣ мазмуни васеътар дошта, ташкилотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонро фаро мегирад. Сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ низ ба таркиби он дохил мешаванд; ҳангоми таҳияи усулҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

- **муайян карда шудааст:** комплекси агросаноатӣ қисми истеҳсолию иқтисодии экосистемаи аграриро ташкил медиҳад. Занҷираи арзиш ҳалқаҳои асосии онро бо ҳам мепайвандад. Ҳамгироӣ хусусияти муносибатҳои байни иштирокчиёнро муайян мекунад. Кластер ва кооператив ҳамчун шаклҳои ташкилии чунин ҳамкорӣ баромад мекунанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки онҳо ба таҳлили пурраи корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамоянд.

Маводи илмии соҳавӣ, маълумоти оморӣ шаҳру ноҳияҳо ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи молиявии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, натиҷаи мусоҳибаҳои муаллиф истифода шуда, корбарии дурусти усулҳои муназзами ҳалли мушкилот дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд:

– **назарияи таҳқиқот** ба муқаррароти назариявӣ ва методологии соҳаи гуногуни илми иқтисод ва олимони ватанию хориҷӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ асос ёфтааст;

– **ғояи таҳқиқот** ба Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳлили амиқи назарияҳо ва муқаррароти низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя мекунад;

– барои **тасдиқи фарзия** ва хулосаҳо маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва коркарди заминаҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ истифода шудаанд.

-муайян карда шуд, ки натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид шуда, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи «Антиплагиат» сароҳатан сатҳи онро 88,42% ва 96,36% нишон додааст.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар такмили равиши назариявию методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ, ки фарқияти он дар ба ҳам пайвастани хусусиятҳои соҳавӣ, омилҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва рақамӣ бо принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ифода меёбад; коркарди модели интегралии иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ, ки фарқияти он дар арзёбии ҳамзамони омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ - рақамикунонӣ, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият, мониторинги хароҷот ва ҳисоботи идоракунӣ - бо омилҳои экосистемавӣ, аз ҷумла ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш, суръати мубодилаи иттилоот ва устувории занҷираи арзиш мебошад; таҳияи механизми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш, ки фарқияти он дар фарогирии тамоми раванди ташаккули арзиш - аз таъминоти захираҳо ва истеҳсолот то коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр ва пайвастани масъулият, хароҷот, натиҷа ва иттилооти идоракунӣ дар муҳити ягонаи экосистемаи аграрӣ мебошад; пешниҳоди модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ ва харитаи роҳи татбиқи марҳилавии он, ки фарқияти он дар ҳамгиро намудани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ, буҷетӣ ва идоракунӣ дар муҳити ягонаи иттилоотӣ ва таъмин намудани мубодилаи маълумот байни корхона ва дигар иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ ифода меёбад, зоҳир мегардад.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот дар тамоми зинаҳои таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамӣ ва аҳаммияти он барои илми муҳосибии муосир, муқаррар кардани мақсад ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд.

Муқаррароти асосии диссертатсия дар 11 адад кори илмӣ инъикос

ёфтааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тули солҳои 2022-2026 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълими зинаи бакалавриат ва магистратура аз фанҳои асосҳои аудит, аудит ва тафтишот, банақшагирӣ дар корхонаҳо, баҳисобгирӣ ва гузориш, баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳо, иқтисодиёти рақамӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ истифода шудааст (санади татбиқ аз 18. 08. 2026 с. № 40).

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 14 ноябри соли 2026 қарори сазовор донистани Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд (3 нафар онлайнӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 4 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

Муовини раиси шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент **Раҳимов С.Х.**

Аъзои шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор **Хоҷаев П.Д.**

14 ноябри соли 2026